«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
__________ Насриддинзода Э.С.
«26» _____02_____ 2025

# ХУЛОСАИ
## кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

Нуров Суҳроб Рустамович соли 2019 зинаи мутахассиси таҳсилоти олиро аз рӯи ихтисоси таърихи ватанӣ хатм намудааст. Аз соли 2020 дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ ба ҳайси ассистент ва аз соли 2024 ҳамчун унвонҷӯи кафедра фаъолият дорад. Имтиҳонҳои тахассусиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи омода намудани кадрҳои илмию омӯзгории ДМТ супоридааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии ДМТ, Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич мебошад.

Мавзуи рисолаи номзадии Нуров С.Р. бо унвони «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» дар ҷаласаи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ аз 27.10.2020 таҳти рақами №03 ва санаи 27.11.2020 бо суратҷаласаи №04 дар ҷаласаи Шурои олимони факултети таърих тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Нуров Сӯҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори

профессор О.Б. Боқиев» дар ҷаласаи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи ДМТ (аз 18.02.2025 суратҷаласаи №7/1) баррасӣ гардида, дар муҳокимаи он аъзоёни кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ д.и.т., дотсент Т.М. Ғуломов, н.и.т., дотсент А. Ёрмуҳаммадов, н.и.т., дотсент С.С. Шарофуддинов, н.и.т., дотсент Б.З.Неъмонов, д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик Қ. Собирова ва н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик Н. Ҳакимов ширкат варзида, ба диссертатсияи Нуров С.Р. баҳои мусбат доданд.

***Дар рафти муҳокимаи диссертатсияи Нуров С.Р. хулосаҳои зерин қабул карда шуд:***

Диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳаммияти амалӣ ва навгониҳои илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, фарогири натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад. Дар он вазифаҳои илмӣ пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

Муаллиф тавонистааст, ба таври кофӣ муҳиммияти онро барои илм ва ҷомеаи муосир асоснок ва исбот намояд. Муаллифи диссертатсия дуруст зикр менамояд, ки «омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар асоси осори профессор О.Б. Боқиев метавонад бисёр муаммоҳоро барои ҷомеа рӯшан созад. Махсусан, омӯзиш ва таҳқиқи ин марҳалаи муҳимми таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки муқобили ҳар гуна таҳдидҳои ғоявӣ дар минтақа мубориза барем».

***Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.*** Мақсади асосии рисола омӯзиш ва инъикоси масъалаҳои мубрами таърихи минтақаҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– муайян кардани марҳилаҳои ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, ташаккули шахсият ва касбияти профессор О.Б. Боқиев ва таҳлили дидгоҳи назариявию методологии ӯ доир ба омӯзиши таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон (нимаи дуюми

асри XIX – аввали асри XX) ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус;

– нишон додани вазъи сиёсӣ ва сохтори идориву маъмурии манотиқи Тоҷикистони муосир дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев;

– инъикоси раванди истило гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва сабабу паёмадҳои он дар таҳқиқоти илмии профессор О. Боқиев;

– инъикоси саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши масоили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX;

– омӯзиш ва таҳқиқи масоили мубрами таърихи халқи тоҷик дар таърихнигории тоинқилобии рус дар асоси осори О.Б. Боқиев.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот*** дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистони муосир мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистонро дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ва муқоисаи он ба осори муҳаққиқони дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад. Бинобар ин, навгониҳои илмии рисола бо нуктаҳои зерин муайян карда мешаванд:

– ҳаёт ва фаъолияти босамари илмӣ-таҳқиқотии профессор омӯхта шуда, омилҳо ва шароитҳои ташаккули шахсият, дидгоҳ, мавқеи илмӣ ва мавзуҳои асосии осори профессор О.Б. Боқиев муайян карда шуданд;

– на танҳо осори илмии нашршудаи профессор О.Б. Боқиев, ҳамчунин мақолаҳо, ёддоштҳо ва маводи зиёди бойгонӣ ҷамъоварӣ ва нахустин маротиба ба гардиши илмӣ ворид карда шуд, ки дар асоси онҳо мавзуъ ва масъалаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва дидгоҳҳои назариявӣ-методологии профессор О.Б. Боқиев мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд, ҳамзамон симо, сифатҳои шахсию касбӣ ва арзёбии ҳамкорону ҳамзамонон нисбати таълифоти илмии ӯ ошкор карда шудаанд;

– ҷойгоҳи професссор О.Б. Боқиев дар омӯзиши масъалаҳои мубрами таърихи ҳудудҳои Тоҷикистон (охири асри XIX – оғози асри XX) ва инъикоми онҳо дар таърихнигории тоинқилобии рус арзёбӣ гардида, самтҳои асосии таҳқиқоти таърихиву таърихнигорӣ ва арзиши илмии осори илмии ӯ оид ба давраи мазкур муайян карда шӯдааст;

– нақши профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиш ва таҳқиқи вазъияти сиёсӣ, сохтори маъмурӣ ва идории ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX нишон дода шудааст;

– сабабҳо, ангезаҳо, рафт ва хусусиятҳои истилои ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи Русияи подшоҳӣ, ҳамчунин натиҷаҳо ва паёмадҳои мусбат ва манфии он дар осори профессор О.Б. Боқиев таҳқиқ ва пайгирӣ гардиданд;

– саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиши масоили мубрами иҷтимоӣ-иқтисодии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX муайян карда шудааст;

– инъикоси масоили таърихи халқи тоҷик дар таърихнигории тоинқилобии рус дар асоси осори О.Б. Боқиев.

***Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ*** аз он иборат аст, ки натоиҷи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳудудҳои Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳияи маводи гуногуни илмӣ, таълимию методӣ ва хондани курсҳои махсус барои ихтисосҳои таърихи донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар мавриди истифода қарор дод. Маводи рисолаи мазкурро, ҳамчунин барои омӯзиш ва равшану возеҳ гардонидани масъалаҳои мубрами таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва оғози асри XX мусоидат менамояд.

***Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.*** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои

илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамчунин тарзи баён, масъалагузорӣ ва услуби таълифи диссертатсия зоҳир мегардад. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

Ҳамзамон, хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада ҳангоми бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва ташвиқотӣ дар самти баланд бардоштани худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои таърихию фарҳангии миллӣ, пешгирӣ аз хурофот ва таассуби динӣ ва рушди тафаккури миллӣ муфид ва самаровар мебошанд.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра мувофиқат намуда, аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссетатсия дар 5 мақолаи зерини нашршудаи муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар интишорот инъикос ёфтааст:

[1-М]. Нуров, С. Саҳми профессор О.Б. Боқиев дар омӯзиш ва инъикоси масъалаи мардикорӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ [Матн] / С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. – №3. – С. 67-71.

[2-М]. Нуров, С. Инъикоси масъалаи рақобати Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир оид ба ҳамроҳ намудани Помир дар осори О.Б. Боқиев [Матн] / С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. – №7. – С. 56-60.

[3-М]. Нуров, С. Инъикоси аҳаммияти таърихии ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Русия дар осори профессор О.Б. Боқиев [Матн] / С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2023. – №4. – С. 78-83.

[4-М]. Т.М. Ғуломов, Нуров, С. Инъикоси масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев. [Матн] / Т.М. Ғуломов, С. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2023. – №4. – С. 78-83.

[5-М]. Нуров, С. Инъикоси масъалаи ҳамроҳ намудани Помир ба ҳайати Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев [Матн] / С. Нуров // Инъикоси таърихи тоинқилобии халқи тоҷик дар осори профессор О.Б. Боқиев. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 90-солагии бузургдошти бунёдгузори кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ О.Б. Боқиев. – Душанбе, 2024. – С. 198-203.

Дар охири ҷаласа ҷиҳати баррасӣ ва муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ Нуров С.Р. чунин

***қарор қабул карда шуд:***

1. Диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таҳқиқоти илмии анҷом ёфта

ҳисобида шуда, он ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимояи кушод ба Шурои диссертатсионии 6D КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърих аз 18.02.2025 қабул карда шуд.

Дар маҷлис 9 нафар иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

Суратҷаласаи №7/1 аз 18.02.2025.

**И.в. мудири кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ, н.и.т., дотсент** **Саймуҳаммади Б.**

**Котиби маҷлис, н.и.т., муаллими калони кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърих** **Маҳмудзода С.А.**

**Имзои Саймуҳаммади Б. ва Маҳмудзода Суханвар-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Телефон: (+992) 2217711**
**Сомонаи расмӣ (https://tnu.tj/).**